«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия
Насуриён П.А.
«20» 05 соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.**

Инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ба вуҷуд омадани равзанаи ягонаи иттилоотӣ, ба ғайр аз ҷанбаҳои муфид барои

ҷомеаи муосир боз як қатор мушкилоти навро ба вуҷуд овард, ки на танҳо масъалаҳои иқтисодӣ, балки масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолиро низ таҳти хатари ҷиддӣ қарор медиҳад. Яке аз чунин мушкилот, ин истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳангоми содир намудани ҷиноят ба шумор меравад. Дар асри XXI пешрафту тараққиёти замонаро бе донистани техникаву технологияи компютерӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Пешрафту тараққиёти технологияи муосир дар баробари садҳо манфиат, аз мушкилот низ холӣ нест. Яке аз чунин проблемаҳо ин тавсеа ёфтани киберҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад, ки муқовимат ба он дар тамоми давлатҳо оғоз ёфтааст. Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) тарзи тиҷорат, хариди мол ва хизматрасониҳо, фиристодан ва қабул кардани маблағ, муошират, мубодилаи иттилоот, ҳамкорӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳоро бо субъектҳои гуногуни ҳуқуқӣ тағйир дод. Чунин тағйирот ва истифодаи торафт афзоянда ва вобастагӣ аз ТИК осебпазириро дар соҳаҳои гуногун ба вуҷуд меорад, ки аз ҷониби ҷинояткорон ва дигар ҳамлагароне, ки ТИК-ро ҳадафи худ қарор медиҳанд ва ё бо истифода аз ТИК барои содир кардани ҷиноят шароит фароҳам меоваранд, эҷод мекунанд. Таҷрибаи тафтишӣ ва судии давлатҳои пешрафта аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷинояткорон шабакаи интернетро ҳамчун воситаи содир намудани намудҳои гуногуни ҷиноят хеле фаъолона истифода мебаранд.

Муаллифи рисола дуруст зикр менамояд, ки масъалаи таъмини ҳимояи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар замони муосири инкишофи низоми демократии ҷомеа нақши аввалиндараҷаро касб намудааст. Дар робита ба ин, омӯзиш, таҳлил ва мукаммалгардонии меъёрҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ равона шудааст, яке аз самтҳои дурнамои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ба шумор меравад (саҳ. 91-121).

Ба андешаи рисоланавис рушди босуръати ТИК, системаҳои телекоммуникатсионӣ, ки ба як ҷузъи маъмули муносибатҳои ҷамъиятии тамоми соҳаҳои ҳаёт табдил ёфтаанд, на танҳо заминаҳое ба вуҷуд овард, ки ба содир намудани ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, балки шароит фароҳам овард, ки қисми зиёди ҷиноятҳо тавассути фазои маҷозӣ содир шаванд. Ба ин раванд тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ, қаллоби дар интернет, дуздии маълумоти шахсӣ, таблиғи порнографияи кӯдакона дар интернет тобишҳои нав пайдо мекунад. Дар охири асри XX ва аввали асри XXI дар ҳудуди давлатҳои аъзои ИДМ таҳдиду хатарҳои ҳамлаҳои киберӣ мунтазам меафзояд. Ин кирдорҳои ғайриқонунӣ на танҳо ба пояҳои ахлоқи ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, балки ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии ҳам аҳолии калонсол ва ҳам кӯдакон (наврасон) халал мерасонанд. Бинобар ин, имконияти васеи истифодаи интернет, механизми содир шудани бисёре аз ҷиноятҳоро комилан дигаргун намуда, гурӯҳ ва намудҳои нави киберҷиноятҳоро ба вуҷуд овард (саҳ. 47-68).

Саҳми муаллиф дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмии масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар таҳқиқоти илмӣ ба таври пурра ва бо диди нав масъалаҳои мафҳум, таснифот, тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо, таҳқиқи криминологии киберҷиноятҳо ва дигар масъалаҳои муҳим баррасӣ шудаанд. Одатан муҳаққиқон аз чунин мавзуъҳои мураккаб канораҷӯӣ мекунанд, аммо докторант тавонистааст, ки чунин мавзуи проблеманокро таҳқиқ ва масъалаҳои онро бо таври зарурӣ ҳал намояд.

Дар рисола зикр гардидааст, ки интернет муддати тулонӣ ва ба таври устувор дар ҳаёти мо ҷойгир шудааст. Имрӯз он на танҳо заминаи ҷустуҷӯи иттилоот ва муоширатат, балки фазои мусоид барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун мебошад, ки онро метавон мушкилоти ҷаҳонии инсонӣ

шумурд. Тибқи маълумоти ВКД ҶТ танҳо дар соли 2022 аз ҷониби Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташакили ВКД 17 ҳолати киберҷиноят ошкор гардида, зиёда аз 500 ҳодиса бо истифода аз интернет ва технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба қайд гирифта шудааст . Аз ин рӯ, таҳлили ин масъала паҳлуҳои гуногуни иттилоот ва иттилоотикунониро дарбар гирифта, барои рушду инкишофи фазои иттилоотӣ аҳаммияти  махсус дорад. Айни замон фазои маҷозӣ шумораи хеле зиёди одамонро муттаҳид намудааст, ки тахминан зиёда аз 2 млрд. нафарро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки дар шароити муосир интернет ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ворид гардидааст. Махсусан, соҳаҳои иттилоотӣ, молиявӣ, тандурустӣ, маориф, илм ва фарҳангро пурра фаро гирифтааст. Киберҷинояткорон ба ҷаҳони интернет ворид гардида, барои қонеъ гардонидани талаботҳои хеш ва манфиатҳои шахсии худ, бо роҳи фиреб, тавассути сомонаҳои таблиғотӣ даст ба кирдоҳои барои ҷамъият хавфнок мезананд. То имрӯз қонуни махсусе вуҷуд надорад, ки фаъолияти муқовимат бо киберҷиноятҳо ва қаллобӣ дар интернетро танзим намояд, аммо як зумра қонунҳое дар ҶТ қабул гардидаанд, ки барои ҳифзи иттилоот равона гардидаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» (аз 10 майи соли 2002, таҳти №55), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (аз 2 декабри соли 2002, таҳти №71), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» (аз 10 майи соли 2002, таҳти №56), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (аз 10 майи соли 2002, таҳти №51) қабул гардидаанд. Бо қабули ин қонунҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ як қатор мафҳумҳои аз лиҳози илмӣ муҳим, аз қабили иттилооти компютерӣ, шабакаи компютерӣ, барномаи компютерӣ ва базаи маълумот шарҳ дода шуда, хусусияти меъёриро касб намудаанд (саҳ. 384-389).

Аз тарафи муаллиф лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ» пешниҳод карда шуда, дар он бо мақсади таъмини

амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ муқаррароти умумӣ оид ба амали қонун, танзими давлатии амнияти киберӣ, ҳуқуқ ва ухдадориҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ, ҳодисаҳои амнияти киберӣ, объектҳои инфрасохтори муҳимми иттилоотӣ, дастгирӣ ва рушди таъмини амнияти киберӣ, ҳамкории байналмилалӣ дар самти амнияти киберӣ ва дигар самтҳои муҳимми танзими ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудаанд (саҳ. 463-480).

Муҳаққиқ асоснок менамояд ки аз рӯйи хусусияти истифодабарӣ ТИК ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят истифода мешавад ва он метавонад ҳамчун воситаи фаъолияти ғайриқонунӣ бо ду роҳ истифода шавад:

а) ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноятҳои анъанавӣ (намудҳои гуногуни қаллобӣ ва ғ.);

б) ҳамчун воситаи ҳамла ба компютери дигар.

Лозим ба ёдоварист, ки қисми зиёди ин навъи ҷиноятҳо бо истифода аз интернет содир мешавад. Ба инҳо дохил мешаванд: қаллобӣ тавассути кортҳои бонкӣ; рамзгузории занҷиравӣ тавассути ҳарфҳо; пирамидаҳои молиявии виртуалӣ; қимори онлайнӣ; паҳн кардани маводи дорои хусусияти порнографӣ ва ғайра (саҳ .72-73).

Муаллиф дар натиҷаи баррасии маълумотҳои оморӣ ва таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба масъалаҳои криминологии киберҷиноятҳо ба чунин хулосаҳои илмӣ омадааст, ки содиршавии киберҷиноятҳо бо истифода аз ТИК дар айни замон рӯ ба афзоиш дорад. Зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии самти мазкурро таҷдиди назар намуда, шумораи мутахассисон дар самти амнияти киберӣ зиёд карда, малакаи кормандони мавҷуда, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, баланд бардошта шавад. Инчунин бо ҷалби олимони соҳа, мутахассисони варзидаи техникӣ, собиқадорони соҳа ташкили институти такмили ихтисоси соҳаи таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ танҳо ба манфиати кор аст, зеро таҳқиқотҳо нишон доданд, ки яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва

пешгирии киберҷиноятҳо ин рушди иқтидори таълимӣ ва илмии кишвар мебошад (саҳ. 393-394).

Илова бар ин, муаллифи рисола яке аз тамоюлҳои асосии рушди киберҷинояткориро дар сари вақт ошкор накардани он мебинад. Раванди роҳандозии ғайриқонунии шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мессенҷерҳои фаврӣ ва интернет ба ин раванд мусоидат мекунанд. Истифодаи технологияи навин дар муомилоти молиявӣ ва қарзӣ, тиҷорати онлайнӣ, рамзгузории маълумот ва ғайра ба давлат ва ҷомеа имкон намедиҳад, ки шумораи зиёди киберҷиноятҳоро саривақт пешгирӣ намояд, зеро онҳо бо сабабҳои технологӣ сарфи назар карда мешаванд. Вобаста ба ин, такмил додани дараҷаи касбии мутахассисон ва мониторинги эътимоднокии онҳо аз ҷониби хадамоти амнияти мақомоти дахлдор аҳаммияти хоса дорад.

Чуноне ки аз рисола ва автореферати таҳқиқот бармеояд, мавзуи мазкур дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии назди кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ва кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ба анҷом расонида шудааст. Яке аз мақсадҳои ин барнома муборизa бо ҷиноятҳои хавфноки муосир - терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон, коррупсия, киберҷиноятҳо ва дигар ҷинояткории муташаккилона ва фаромиллӣ бо дар назар доштани тамоюлҳои муосири ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардид, ки дар рисола анҷом дода шудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва

методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни муқовимат бо киберҷиноятҳо ва маводи назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки роҳҳои дар кор истифодашуда имкон медиҳанд, ки як қатор масъалаҳои назариявии муқовимат бо киберҷиноятҳо пайдошуда ҳалли худро ёфтанд. Хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳо метавонад дар ҷараёни мукаммалгардонии қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ба эътибор гирифта шаванд.

Хулосаҳову тавсияҳе, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, ҷиҳати мукаммал гардонидани таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намуда, роҳҳои ягонаи ҳалли масҳалаҳоро, ки бо татбиқи институти муқовимат бо киберҷиноятҳо алоқаманд аст, муайян месозад. Пешниҳодҳои асосии дар кор овардашуда метавонад дар раванди таълим истифода бурда шаванд.

Навгонии илмии дигари тадқиқоти диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки аввалин маротиба баъди қабули Кодекси ҷиноятии ҶТ муаллиф таҳлили комплексии масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалиро гузаронидааст. Дар он тибқи таҳлилҳои гузаронидашудаи ҳамаҷониба ва нуқтаҳои назари аз ҷиҳати илмӣ аҳаммияти муҳимдошта вобаста ба масъалаи муқовимат бо киберҷиноятҳо як қатор пешниҳодҳои назариявӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ пешниҳод карда шудааст, ки масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Муаллиф иброз менамояд, ки дар маҷмуъ, киберҷиноятҳоро аз рӯйи асосҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

а) вобаста ба объекти таҷовузи ҷиноятӣ: таҷовуз ба ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибони иттилооти компютерӣ; таҷовуз ба ҳуқуқ ва

манфиатҳои соҳибони воситаҳои иттилоот;

б) аз рӯйи хусусияти зараре, ки ба иттилооти компютерӣ мерасонад: барномаҳои зараррасони тағйирдиҳанда, нобудкунанда, маҳкамкунанда, корношоямкунанда, нусхабардорикунандаи итилооти компютерӣ;

в) вобаста ба тарзҳои содир намудани ҷиноят: ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб; содиршавии онҳо тавассути интернет (саҳ. 87-90).

2. Муҳаққиқ ба маврид зикр менамояд, ки бо мақсади огоҳонидан ва пешгирии киберҷиноятҳо дар ҶТ Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ-ро зарур аст, ки бо мақсади таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ дар мамлакат, дастрасиро ба сомонаҳо ва захираҳои дигари иттилоотӣ, аз ҷумла сомона ва барномаҳои интернетӣ, ки ба паҳн намудани ҳама гуна иттилоот бар зидди асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, паҳн намудани иттилоотӣ хусусияти экстремистию террористидошта, порнография, аз ҷумла порнографияи кӯдакона маҳдуд намоянд.

3. Дар диссертатсия дуруст оварда шудааст, ки объекти таҷовуз ҳангоми содир шудани киберҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ва кишварҳои хориҷӣ на танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муомилоти бехатари иттилооти компютерӣ (КҶ ҶТ), балки дигар объектҳо низ мебошанд (саҳ. 221-251).

4. Аз тарафи муаллиф асосонок карда шудааст, ки объекти ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд ба гуруҳҳои зерин тақсим карда шавад:

– объекти ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд инҳо мебошанд: ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилооти компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва фаъолияти иқтисодӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳокимияти

давлатӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ;

– объекти хелии ин ҷиноятҳоро амнияти иттилоотӣ ташкил менамояд;

– объекти намудии ин ҷиноят маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки ҳолати амнияти шахсият, ҷомеа ва давлатро аз таҳдидҳои дохилию берунии киберӣ дар шакли нигоҳдорӣ, интиқол ва дигар истифодабарии иттилооте таъмин месозад, ки аз ҳисоби он татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, инчунин истиқлолияти миллӣ, тақсимнопазирии ҳудудӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии ҶТ, мудофиа ва амнияти давлат таъмин карда мешавад;

-объекти бевоситаи кирдорҳои баррасишаванда инҳо баромад карда метавонанд: шаъну шараф, эътибор ва обрӯйи шахс; ҳуқуқи ҳар шахс ба дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ; ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба дахлнопазирии мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, мактубҳои почтавӣ, телеграфӣ; ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманди инсон ва шаҳрванд; муносибатҳои молумулкии ҷамъиятӣ; муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ, андозӣ ё бонкӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ ба он (саҳ. 269-270).

5. Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зиҳир мегардад, ки аз тарафи муаллифи рисола дар нуқтаҳои илмии 15-19 ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мустаҳкам гардонидани меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ як қатор пешниҳодҳои мувофиқ ва судманд вобаста ба тағйиру иловаҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ оварда шудааст:

– «Моддаи 298 (1) Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумот барои истифода ба манфиати шахсӣ» дар таҳрири нав»;

– «Моддаи 300 Кодекси ҷиноятии ҶТ, қисми 2» дар таҳрири нав;

– «Моддаи 300 (1) Ҳамлаи компютерии DoS» меъёри нав;

– «Моддаи 301 (2) Ғайриқонунӣ дар шакли оммавӣ паҳн кардани паёмҳои электронӣ» меъёри нав;

– «Моддаи 301 (3). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, бо истифодаи шабакаи интернет ва ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ», меъёри нав;

– «Моддаи 303. Ғайриқонунӣ таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зараровари компютерӣ» меъёри нав;

Навгонии илмии дигари таҳқиқот дар он аст, ки мавзуи мавриди таҳлил ва омӯзиш қарордодашуда дар фазои илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон бори аввал ба қалам дода мешавад. Ҳамчунин, мавриди зикр аст, ки мавзуи таҳқиқшаванда дар замони ҳозира на фақат барои давлати мо мубрам ифода мегардад, балки барои тамоми манотиқи дунё масъалаи киберҷиноятҳо яке аз муаммоҳои аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Ба андешаи муаллиф, ин ҳолати мураккаб боз даҳсолаҳои минбаъда низ давом хоҳад кард, ки ин раванди воқеии таҳдидкунанда ба амнияти миллии ҳар як кишвари сайёра арзёбӣ мегардад.

**Чун илм бе баҳс нест, дар рисолаи илмии Давлатзода Комрон Давлат баъзе эродҳои хусусияти мубоҳисавӣ доштаро дарёфт кардан мумкин аст:**

1. Докторант дар қисми хулосавии зербоби якуми боби панҷум зикр менамояд, ки содиршавии киберҷиноятҳо бо истифода аз ТИК дар айни замон рӯ ба афзоиш дошта, омори расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми воқеӣ ва хусусияти ҳамлаҳои кибериро пурра инъикос намекунад ( саҳ.343-344). Ин ақидаи муаллиф баҳснок аст, чунки маълумотҳои оморӣ вобаста ба ҷиноятӣ мазкур дар қисми мубрамии мавзуи таҳқиқшуда бо маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 25 ноябри соли 2023, тахти №14/3-1355, пурра гардидааст. Аз муаллиф даъват карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо равшан созад.

2. Муҳаққиқ иброз менамояд, ки оид ба масъалаи субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ фикру ақидаҳо зиёд буда, мавқеи ягонаву мушаххас ҷой надорад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар асоси таҳлили андешаҳои олимон ва баррасии субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) зарур мешуморад, ки ба қисми 2-и моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (оид ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) бо таркиби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 300 ва 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 14-солагӣ муқаррар карда шавад (саҳ. 245-249). Ба андешаи мо чунин мавқеъгирии муаллиф баҳснок аст, зеро муқовимат ва роҳҳои таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки огоҳӣ аз барои ҷамъият хавфнокии киберҷиноятҳо раванди оддист ва аз субъект на танҳо синну соли муайян (камолоти ҳамарӯза), балки омодагии ҷиддии техникӣ ва доро будани донишҳои махсусро низ тақозо мекунад. Ҳамзамон, дар қисми 2-и моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни чордаҳсолагӣ танҳо барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин муқарар гардидааст, ки моддаҳои 300 ва 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро намегирад.

3. Муаллиф дар зербоби сеюми боби дуюм тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳоро тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашидааст. Бояд қайд намуд, ки масъалаи тафриқагузории ин навъи ҷиноят на танҳо тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки тафриқагузории навъҳои ҷазоҳоро фаро мегирад, ки ба таври пурра ва зарурӣ муаллиф дар ин зербоб баррасӣ накардааст. Ҳол он ки қисми таркибии ҷавобгарии ҷиноятиро ҷазоҳои ҷиноятӣ ташкил мекунанд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шуданд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба

комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои барраси намудаи муаллиф мароқангез буда, метавонад диққати муҳаққиқонро ба худ чалб намояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад.

Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Илова бар ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии гардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 2 монография ва 28 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Автореферат бо муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд, махсусан мазмуну моҳияти муқаддима, бобҳо ва зербобҳои таҳқиқот оварда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертация ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД ҶТ, муҳокима ва баррасӣ шуд. Дар семинар 14 нафар иштирок намуданд: тарафдор 14, зид – нест, бетараф – нест. Протоколи семинари илмӣ – назариявӣ аз 19-уми апрели соли 2024, таҳти №3).

**Қисмати хотимавии тақриз - хулоса.**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамӣ, ном ва нақшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводи корӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст.

Дар маҷмуъ, рисолаи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи бандҳои 76-79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, он дар

ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Ҷаласаи кафедра аз 23-уми апрели соли 2024, таҳти №11. Дар ҷаласаи кафедра аз 13 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
котиби Шурои олимони Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
полковники милитсия Абдурашидзода А.А.

**Ташхисгари диссертатсия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
профессори кафедраи ташкили идоракунии
фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
генерал-майори милитсия Шарифзода Ф.Р.

**Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Аҳёзода Ш.Т.

Имзоҳои А.А. Абдурашидзода,
Ф.Р. Шарифзода ва Ш.Т. Аҳёзодаро тасдиқ менамоям:
И.в. сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковни милитсия Камолӣ З.Б.
«17» 05 соли 2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru